آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

13 августи соли 2022
Шанбе
№ 64 (14869)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## БАРТАРИҲОИ СОХТОРИ НАВ ДАР ХОҶАГИИ ДЕҲОТ

***Тибқи қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо доир ба такмил додани сохтори маблағгузорӣ барои парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот ва хариди онҳо» аз 27 апрели соли 2022, низоми коркарди маҳсулоти хушсифат дар хоҷагиҳои боғдорӣ ва гармхонаҳо, таъмини пайгиронаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии деҳот бо захираҳои моддӣ, ҳамчунин, хариди кафолатнокии маҳсулоти парваришкарда ба вуҷуд омад.***

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ЧОР САМТИ УСТУВОРИ РУШДИ СОҲАИ МЕТАЛЛУРГИЯ МУАЙЯН ШУД




**Президент Шавкат Мирзиёев барои шинос шудан бо зиндагии аҳолӣ ва объектҳои бузурги саноатӣ 12 август ба шаҳри Бекободи вилояти Тошканд омад.**

Дар мамлакат ҷустуҷӯи бемайлон давом дорад, оид ба куллан нав кардан ва модернизатсияи тамоми соҳаҳои саноат корҳо анҷом дода мешаванд. Ягон самт ва соҳае нест, ки ислоҳоти васеъмиқёс, ки ба тағйир додани мазмун ва беҳтар гардондани ҳаёти халқ нигаронда шудааст, гузаронда нашуда бошад.

Дар роҳи бунёди қиёфаи нави Ӯзбекистони Нав, ташаккул додани таърихи замонавии он марҳилаҳои ҳақиқатан бузург муайян карда шудаанд. Дар натиҷа барои рушди инноватсионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои баланд дар саноат, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ имкониятҳои нав ба нав фароҳам оварда мешаванд.

Дар рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳр комбинати маъдани кӯҳии Ӯзбекистон мавқеи муҳим дорад, ки дар таркиби он даҳҳо корхонаҳо ва муассисаҳои иҷтимоӣ фаъолият доранд. Комбинат 11 ҳазор нафарро бо кор таъмин мекунад.

Аз ин рӯ, ба васеъ гардондани фаъолияти комбинат таваҷҷуҳи алоҳида дода мешавад. Дар солҳои охир як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ татбиқ гардида, сехҳои нав ба истифода супурда, сехҳои мавҷуда таҷдид карда шуданд.

Дар байни онҳо маҷмӯи прокати хушҷинс ҳаст. Дар доираи лоиҳаи арзишаш 5 миллион доллар дар ин ҷо хати мустаҳкамкунии ҳароратӣ насб карда, моҳи феврали соли ҷорӣ ба истифода дода шуд. Дар натиҷа имкони ҳар сол истеҳсоли 500 ҳазор тонна арматураи тамғаи А500-А800 ба вуҷуд омад.

Зимни боздид аз корхона сарвари давлат ин маҷмӯъро аз назар гузаронда, ба нишондиҳандаҳои техникиву иқтисодии лоиҳа таваҷҷуҳ намуд.

Ҳамин тариқ арзиши аслии истеҳсоли арматура аз ҳисоби сарфаи ҷузъҳои кимёвӣ ба туфайли ҷорӣ карда шудани технологияи мустаҳкамкунии ҳароратӣ коҳиш ёфт. Бинобар ҳисобу китоб иваз кардани воридот ба 300 миллион доллар дар як сол ба даст оварда шуд.

Инчунин он чиз муҳим аст, ки арматура бинобар андозаи байналмилалии DIN сертификатонида шудааст. Ба Аврупо содир намудани маҳсулоти мазкур ба нақша гирифта шудааст.

Президент боз бо як лоиҳаи муҳим – сохтмони маҷмӯи рехтагариву прокатӣ шинос шуд.

Лоиҳаи арзишаш 672 миллион евро имконияти ба роҳ мондани истеҳсоли 1 миллион тунукаҳои оҳанинро фароҳам меорад. Дар натиҷа иқтидори комбинат ду баробар меафзояд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# БА КОРМАНДОНИ СОҲАИ СОХТМОНИ МАМЛАКАТ

*Бинокорони муҳтарам!*

*Собиқадорони азиз!*

*Шуморо бо ҷашни касбӣ – Рӯзи кормандони соҳаи сохтмон, ки дар мамлакатамон васеъ қайд мегардад, аз таҳти дил табрик менамоям, барои ҳамаатон эҳтироми амиқи худ ва самимитарин таманноҳоро изҳор менамоям.*

*Тавре ки маълум аст, меҳнати соҳибони ин касб – бинокорон ва меъморони соҳибистеъдод, механик ва мошинистҳо, идоракунандагони техникаи замонавии мураккаб, лоиҳакашон ва ороишгарон, истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмон, пудратчиён ҳамеша дар рушди мамлакат, таъмини фароҳмандии халқамон аҳамияти муҳим касб менамуд.*

*Хусусан имрӯз, вақте ки дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон корҳои бузург оид ба сохтмон ва ободонӣ ба амал татбиқ мегардад, мамлакат ба яке аз майдони бузурги сохтмон табдил ёфта, доман ва аҳамияти меҳнати масъулиятнок ва шарафнокатон боз ҳам меафзояд.*

*Дар шахси шумо мо вакилони касби шарафнокро мебинем, ки дар шаҳру деҳот, дар саросари ҷумҳурӣ корхонаҳои нави истеҳсолӣ, объектҳои муҳими иҷтимоӣ, иморатҳои нави замонавии иқоматӣ, роҳу пул бунёд менамоянд ва ҳамзамон ба дигаргун гардидани намуд ва ободонии мамлакат ва умуман тамоми ҳаётамон саҳми беназир мегузоранд.*

*Дар чунин як ҷашни аҷоиб шумо – бунёдкорони Ӯзбекистони Навро бо суханони гармтарин ва таманноҳои нектарин шарафёб намуда, мо миннатдории самимии худро барои меҳнати шуҷоатнокатон изҳор менамоем.*

*Дӯстони азиз!*

*Тавре ки шумо медонед, мақсади асосии тамоми бозсозиҳоямон, ки дар доираи Стратегияи тараққиёти Ӯзбекистони Нав татбиқ мегардад, таъмини шараф ва қадри инсон, манфиатҳои ҳаётии он ба шумор меравад.*

*Соҳаи сохтмон бо имконоти бузурги он дар баробари дигар соҳаҳо дар дастёбӣ ба чунин мақсади олӣ аҳамияти муҳимро молик аст.*

*Дар натиҷаи ислоҳоти низомнок дар соҳа имрӯз ба бархурди маҷмӯӣ нисбат ба сохтмони ҳавзаҳои аҳолинишин, ҳамзамон бо бунёди манзил, дигар биноҳои объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ,савдо ва хидматрасонӣ, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва маданӣ, боғу чорбоғ, фаввораву майдонҳои бачагон ва иншооти варзишӣ эътибори алоҳида нигаронда мешавад.*

*Далели амалии ин кори доманфарох доир ба сохтмон, реконструксия ва таъмире, ки дар 1868 объекти иҷтимоӣ дар доираи Барномаи сармоягузории соли 2022 вусъат пайдо намудааст, ба шумор меравад.*

*Дар ин бобат сухан ба миён оварда, дар бораи мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» алоҳида таваққуф бояд кард, ки лоиҳаҳои онҳо бо назардошти афкори аҳолии маҳалҳо таҳия гаштааст. Аз он ҷумла, дар 29 чунин мавзеъ 619 иморати замонавӣ бо 21312 квартира ва инчунин даҳҳо муассисаҳои томактабӣ, таълими ҳамагонӣ ва тиббӣ сохта мешавад.*

*Бешубҳа ҳамаи моро дар чунин мавзеъҳо дар маҷмӯъ бо иморатҳои бисёрошёна инфрасохтори муҳандисиву нақлиётии бавуҷудовардашуда шод мегардонад, объектҳои иҷтимоӣ ва соҳаи истеҳсолӣ, савдо ва хидматрасонӣ бунёд мегарданд ва дар панҷ соли оянда беш аз 250 ҳазор оила соҳиби хонаҳои замонавӣ ва муносиб мегарданд.*

*Дар доираи барномаи таъмини аҳолӣ бо манзили арзон ва сифатнок дар шафати биноҳои бисёрошёнаи намунавӣ марказҳои маданият ва санъат, иншооти варзишӣ, муассисаҳои тиббӣ ва объектҳои дигар бунёд мегарданд, бинобар барномаи «Деҳаи обод» планҳои генералии 413 маҳалла таҳия мегардад. Ҳамаи ин зуҳури амалии эътибор ва ғамхорӣ дар бораи одам ба шумор меравад.*

*Ҳоло ҳозир дар Ӯзбекистон истеҳсоли масолеҳи сохтмон муттасил инкишоф меёбад. Ҳамин тариқ, 95 фоизи масолеҳи муқаррароти сохтмони манзил дар мамлакат истеҳсол мегардад. Ин барои таъмини сифат ва мустаҳкамии сохтмонҳо, коҳиши арзиши аслӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор мусоидат менамояд.*

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Имрӯз дар назди мо замон чандин вазифаи муҳим ва актуалиро дар соҳаи сохтмон мегузорад. Аз он ҷумла, мо бояд корҳои зиёдро дар таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, бунёди роҳҳои замонавие, ки деҳотро бо марказҳои ноҳияҳо мепайвандад, сохтмон дар асоси лоиҳаҳои намунавии кӯдакистонҳо ва мактабҳои нав, поликлиникаҳои оилавӣ, вусъат додани шабакаҳои объектҳои инфрасохтори бозор ва хидматрасонӣ, ба вуҷуд овардани низоми босамари таъмини мутамаркази аҳолӣ бо масолеҳи сохтмон, ташкилотҳои пудратӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, ба бозори сохтмон баровардани хидматрасонии нави инноватсионӣ, тарбияи кадрҳои баландмалака барои соҳа анҷом диҳем.*

*Боварӣ дорам, ки устодони ҳақиқии кори худ – бинокорон ва мутахассисон, ҳар касе, ки дар ин соҳа меҳнат мекунад, нерӯ ва қувва, дониш ва таҷрибаи худро барои бомуваффақият иҷро намудани ин вазифаҳои доманфарох сафарбар менамояд, минбаъд низ ба халқи худ аз рӯи виҷдон хидмат мекунад.*

*Давлат дар навбати худ шароит ва имконоти ногузирро барои минбаъд баланд бардоштани самаранокии фаъолиятатон, бинокорони муҳтарам, потенсиали тамоми соҳаи сохтмони мамлакат ба вуҷуд меорад.*

*Бори дигар самимона, аз таҳти дил, шуморо бо иди касбӣ табрик менамоям, бароятон тандурустӣ ва муваффақият, ба хонаводаҳоятон бахт ва фараҳмандӣ орзу менамоям.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***

***Фикри депутат***

# НЕЪМАТИ БУЗУРГЕ, КИ ЗИНДАГИИ ОЗОДУ ОБОДРО ДОДААСТ

***Истиқлолият неъмати бузургест, ки ба халқи мо зиндагии озоду обод ато кардааст, шаъну шараф, шуури миллӣ, қадру қиматамонро барқарор карда, ба ҳамаи мо ҳисси худшиносӣ, арзишу анъанаҳои хешро баргардондааст.***

Соли ҷорӣ 31-умин солгарди эълон шудани истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, рӯйдоди воқеан бузург ва умумибашарӣ, ки дар ҳаёт ва сарнавишти кишвари мо дигаргуниҳои куллӣ ба амал овард, таҷлил мегардад. Дар ин давра сарчашмаи маънавиёти миллии мо боз кушода шуд ва миллати мо ба асли худ баргашт. Манфиати инсон аз ҳама чиз болотар гузошта шуд, ҳар як инсон воқеан гиромӣ дошта шуда, қадр ёфт.

Воқеият аст, ки истиқлолият барои кишвари мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми сазовор касб намуда, барои амалӣ намудани ислоҳоти густурда дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни ҳаёт заминаи устувор фароҳам оварда, сарчашмаи асосии тамоми дастоварду марраҳоямон гардид.

Зеро, дар солҳои истиқлолият халқи сермиллати Ӯзбекистон иқтидори бузурги худ, азму иродаи қавӣ ва матонати худро нишон дода, озмоишу машаққатҳои душворро мардонавор паси сар карда, ба роҳи бузурги тараққиёт қадам гузошт. Махсусан, дар ҷомеаи мо муҳити сулҳу субот, ваҳдати шаҳрвандию байнимиллӣ мустаҳкам мегардад.

Таҳти роҳбарии Президенти мо дар соҳаи маориф ислоҳоти пайгирона ба амал бароварда шуд, ки ҳисоб карда ба ҳисобаш расидан душвор аст. Хусусан, бо мақсади муайян намудани хонандагони иқтидорнок, ба рӯйи об баровардани қобилияти онҳо, ҷорӣ кардани услуби пешқадами омӯзиши таълими мактаб, пухта азхуд кардани донишҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ фаъолияти мактабҳои президентӣ, эҷодӣ ва ихтисосонидашуда ба роҳ монда шуд.

Таъсиси ин мактабҳо марҳилаи нави рушди низоми таълимро оғоз намуд. Аз ҳама муҳимаш, барои афзоиши минбаъдаи ҷавонони лаёқатманд, қобилиятнок, илмдӯст, ки баояндаи Ватанамон хидмат мекунанд, замина фароҳам оварда шуд.

Ислоҳоти ба амал баровардашуда натанҳо дар кишвари мо дигаргуниҳои бузурги мусбат ба вуҷуд овард, балки обрӯйи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ ба зинаи нав баровард.

Дар айни ҳол дар кишварамон ислоҳотеро, ки оид ба рушди минбаъдаи илм, дастгирии иҷтимоии қишри эҳтиёҷманди аҳолӣ татбиқ мегарданд, натанҳо ҳамватанонамон, балки коршиносони хориҷӣ низ эътироф менамоянд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кишвари мо дар давраи гузашта таҳти роҳбарии Сарвари давлатамон бобати илм ва таълим мавқеву нуфузи худро дубора барқарор кард.

Мо ба чунин ҳадафҳои олӣ, албатта, ба шарофати истиқлолият, дар натиҷаи ислоҳоти пайваста, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлатамон амалӣ мегардад, ноил гардидем. Инро дар мисоли дигаргуниҳои бузурге, ки дар ҳаёти ҷамъият, давлат ва халқи мо ба амал омадаанд, махсусан таваҷҷуҳи калон додан ба инкишофи соҳаи таълим, баланд бардоштани тахассус ва обруйи педагогҳо дар ҷамъият, боло бурдани обруйи пешаи омӯзгорӣ, зиёд кардани музди кори муаллимон дидан мумкин аст.

Ҳамасола қарори дахлдори сарвари давлат қабул карда мешавад, ки ин рӯзи фархунда ҳамчун ҷашни умумихалқӣ сазовори сатҳи имрӯзаи рушди кишвару ҷомеаи мо, обрӯйи он дар арсаи байналмилалӣ дар сатҳи баланд таҷлил карда шавад.

Тибқи қарори сарвари давлат аз 1 августи соли ҷорӣ “Дар бораи омодагӣ ба ҷашни сию якумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар сатҳи баланд гузаронидани он” барномаи чорабиниҳои ташкилию амалӣ, маънавию маърифатӣ соли равон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳти шиори «Дар Ӯзбекистони Нав қадру қимати инсон, манфиатҳои халқ – арзиши олитарин» истиқбол гирифта мешавад, ки дар қалбамон ҳисси ифтихорро ба ҷӯш оварда, гӯем муболиға нахоҳад шуд.

Зеро, дар замири ин ғоя ва ҳадафи бузург дарк кардани неъмати бузург будани истиқлолият, ҳаёти осоиштаи мо, зиндагии ободи мо дар ин Ватани бузургу муқаддас, расидан ба қадри ҳаёти фаровони имрӯза ниҳон аст.

Албатта, мо роҳи то имрӯзаро ба осонӣ тай накардаем. Ин натиҷаи меҳнати ҳалоли мо, нияти неки падарону модарони равшанфикри мо, азму иродаи ҷавонон, сиёсати одилонаю оқилонаи пешвои халқдӯст мебошад. Ва умуман дар остонаи ин санаи фархунда, ки барои мо даврони нав, зиндагии озоду ободро оғоз кард, бори дигар эҳсос хоҳед кард, ки миллати мо чӣ роҳи душвор ва дар айни замон пуршарафро тай кардааст.

Дар чунин рӯзҳо бо дидани ислоҳоти зарурӣ дар ҳама соҳаҳо аз диламон як орзу мегузарад: биёед ба манфиати Ӯзбекистон, ки ҳар лаҳза ободу зеботар мегардад, аз кор кардан ҳеҷ гоҳ хаста нашавем. Ба хидмати Ватан ҳамеша тайёр бошем!

**Ғайрат АБДИЕВ,**
**узви Кумитаи масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиши Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

# ДАСТАИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «АРМИ-2022» «БИАТЛОНИ ТАНКӢ» ИШТИРОК МЕКУНАД

***Аз 13 то 27 август дар қаламрави 12 кишвари ҷаҳон Бозиҳои байналмилалии артиш «АрМИ-2022» баргузор мешавад. Хидматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ӯзбекистон дар мусобиқот бинобар 15 самт дар маҷмӯъ 275 даста аз 37 кишвари ҷаҳон дар 34 самти бозиҳо ширкат мекунанд.***

Аз рӯйи натиҷаҳои қуръапартоии мусобиқа оид ба биатлони танкӣ, ки дар доираи Бозиҳои байналмилалии артиши «АрМИ-2022» гузаронда мешаванд, ба дастаи мо таҳти роҳбарии полковник Ҷумъа Аташев, ки дар дивизиони якум иштирок мекунад, дастаҳои Озарбойҷон, Белорус, Ветнам, Венесуэла, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Муғулистон ва Русия муқобилиат нишон медиҳанд. Дар давраи дуюм дастаи мо дар танки сурх бо танкчиёни Ветнам, Венесуэла ва Қазоқистон қувва меозмоянд.

Чи хеле ки яке аз мураббиёни даста подполковник Исмоил Наврӯзов қайд кард, мунтахаби Ӯзбекистон ба ин мусобиқаҳо дар тамрингоҳи «Фориш» бодиққат ва ҷиддӣ омодагӣ дид.

Бачаҳо рӯҳияи аъло доранд. Ин, ба фикрам, чизи аз ҳама муҳим аст. Боварӣ дорам, ки ҳар як аъзои экипажи мо таҳти шиори «Ман ғолиб» амал карда, танҳо барои ғалаба мубориза хоҳад бурд, – гуфт ӯ.

Мусобиқаи «Биатлони танкӣ», ки ҷолибтарин ва пуршиддаттарин майдони Бозиҳои байналмилалии артиш ба ҳисоб меравад, дар тамрингоҳи «Алабино» дар вилояти Масқав баргузор мешавад.

Қобили зикр аст, ки дастаҳои Вазорати мудофиаи Ӯзбекистон низ дар мусобиқаҳои «Ҳалқаи Элбурс», «Устоди техникаи зиреҳпӯш», «Аълочии разведкаи ҳарбӣ», «Эстафетаи ҳарбӣ-тиббӣ», «Пойгаи ҳарбӣ» ва «Формулаи муҳандисӣ», ки дар ҳудуди Русия баргузор мегардад, иштирок мекунанд.

**АИ «Дунё».**

# БАРТАРИҲОИ СОХТОРИ НАВ ДАР ХОҶАГИИ ДЕҲОТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар баробари ин, тибқи қарори мазкур барои дастгирии соҳаи меваю сабзавоти вазоратҳои хоҷагии деҳот, молия ва Агентии рушди хоҷагиҳои боғдорию гармхона дар муддати 12 моҳ ба Бунёди рушди хоҷагиҳои боғдорию гармхона аз он ҷумла, дар давраи 11 моҳи имтиёзнок ссудаи буҷет ба миқдори 300 млрд. сӯм дар 10 фоизи ставкаи солона ҷудо кардани маблағ пешбинӣ шудааст.

Аз ҳисоби ссудаи буҷет ба корхонаҳои хоҷагии деҳот – захираҳои моддию техникие, ки барои парвариши мева, ангур, сабзавот, гул, кабудиву гиёҳҳои шифобахш, ҷуворимаккаи донӣ ва лубиёгиҳо мисли тухмию кӯчат, хидматгузории хоҷагии деҳот, нигоҳдорандаву содиркунандагони маҳсулот, аз ҷумла, ба корхонаи воҳиди давлатии «Агросервис оператор» – барои хариди маҳсулоти парваришнамудаи хоҷагии деҳот ва сарпур кардани маблағи даргардишбуда ҷудо кардани вом ба миқдори 14 фоизи ставка пешбинӣ шудааст.

Ба корхонаҳои хоҷагии деҳот расондани захираҳои моддию техникӣ, аз он ҷумла, тухмию кӯчатҳое, ки барои парвариши зироати хоҷагии деҳот заруранд, вазифаи хидматрасонӣ ба зиммаи «Агросервис оператор»-и назди Вазорати хоҷагии деҳот гузошта шудааст. Пешбинӣ шудааст, ки расондани захираҳои моддию техникӣ ва тухмию кӯчатҳое, ки барои парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот заруранд, тибқи шартномаи вомии хидматрасонии хоҷагии деҳот ба корхонаҳои хоҷагии деҳот дар муддати то давраи вегетатсия дар 14 фоизи ставкаи солона ба амал татбиқ карда мешавад.

Захираҳои моддию техникӣ, аз он ҷумла тухмию кӯчат, ҳамчунин, хидматҳои хоҷагии деҳот аз ҷониби корхонаи «Агросервис оператор» тавассути харид аз биржаҳои тиҷоратӣ ё бино ба интихоби беҳтарин пешниҳодҳои интиқолдиҳанда расонда мешавад.

Ба парваришкунандагони маҳсулоти хоҷагии деҳот, азнавкоркунандагон, нигоҳдоранда ва содиркунандагон (аз ин «Агросервис оператор» мустасно) маблағи қарз, пас аз пешниҳоди суғуртаи хатар, ҷудо карда мешавад.

Бино ба маблағгузорӣ ба парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот ва мутобиқгардонандаи корҳои хариди онҳо комиссия созмон дода шуд. Тибқи қарор ба зиммаи комиссияи мазкур вазифаи ворид намудани таклифҳо доир ба захираҳои моддии техникӣ, аз он ҷумла, тухмию кӯчатҳое, ки барои парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот заруранд, ҳамчунин, муайян намудани самтҳои маблағи қарз ва лоиҳаҳо хидматрасонии хоҷагии деҳот, интихоби хидматгузорон ва интиқолдиҳандагони амволе, ки аз ҷониби «Агросервис оператор» харидорӣ мешаванд, ташкили мониторинги пайгирона аз болои истифодаи босамар ва манзилноки қарз аз ҷониби ин корхона, инчунин ҷалби субъектҳои соҳибкорӣ ба хидмати хоҷагии деҳот дар асоси шартномаи шарикии давлатию хусусӣ, ҳаллу фасли мушкилоте, ки дар ҷараёни парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот, маблағгузорӣ ва хариди маҳсулот ба миён меоянд, гузошта шудааст.

Вазорати хоҷагии деҳот якҷо бо Вазорати адлия ба зиммаи Шӯрои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибони замин ва Агентии боғдорӣ вазифа гузошт, ки дар тӯли ду ҳафта, тавре ки дар қарор пешбинӣ шудааст, доир ба ҷудо кардани маблағи қарз шартномаҳои намунавиро ташаккул диҳанд, якҷо бо раиси Шӯрои Вазирони Қароқалпоқистон, ҳокимони вилояту ноҳия (шаҳр)-ҳо ба маҳалҳо тухмиҳои серҳосил ва навъҳои кӯчат, воситаҳои ҳифзи растанӣ ва поруҳоро бирасонанд, оиди баргузории ярмаркаҳо ва дар майдонҳо ҷобаҷокунии воситаҳои кишткунанда тибқи тамоюли як контур – як маҳсулот ва бино ба ташкили шартномаҳо оиди хариди кафолатноки маҳсулоти хоҷагии деҳот чораҳо андешанд.

**Бародар РАҲИМОВ,**
**ҳуқуқшинос.**

## ХАБАРҲО

### АНҶУМАНИ АВГУСТӢ ДАР ИНСТИТУТИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС

***Дар Институти бозомӯзӣ ва такмили малакаи директор ва мутахассисони ташкилотҳои таълими томактабии назди Вазорати таълими томактабӣ дар доираи анҷуманҳои анъанавии августӣ чорабинӣ рӯи кор омад.***

Дар конфронси дараҷаи ҷумҳуриявӣ роҳбарон ва мутахассисони идораҳои таълими томактабии ҳудудӣ ва шуъбаҳои таълими томактабии ноҳиявӣ (шаҳрӣ), айни замон методистону алоқамандони соҳа,ҷамъ 150 нафар шунавандагон иштирок намуданд.

Ба амал бароварданиислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар сохтор, ҷорӣ сохтани таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ ва комёбиҳои илму фан, татбиқи технологияҳои коммуникативии информатсионии замонавӣ мақсади асосии анҷумани анъанавии августӣ қарор гирифт.

Дар гирдиҳамоӣ корҳое, ки тӯли соли таҳсили 2021-2022 ба амал бароварда шуданд, сарҳисоб гардиданд. Вазифаҳои асосӣ дар соли хониши 2022-2023 муайян гардиданд, ки пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сифати фаъолияти роҳбарон ва кадрҳои педагогӣ дар таълими томактабӣ нигаронида шудаанд.

Шунавандагон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, дар машғулот иштирок карданд. Дар ҷамъбасти конфронс аз ҷониби роҳбарияти вазорат ба шунавандагон сертификатҳо дода ва роҳбарону кадрҳое, ки самаранок фаъолият бурдаанд, рағбатнок гардонда шуданд.

### ЁДБУДИ “ПАХТАКОР-79”

***11 август ба фоҷиаи “Пахтакор-79” 43-сол пур гашт. Ба ин муносибат дар қабристони Боткини пойтахт маросими ёдбуди ҷамоа, ки соли 1979 ба тарзи фоҷианок чашм аз ҷаҳон пӯшидаанд, баргузор гардид.***

Дар ёдбуд ҷамоати футбол, мутахассисон, собиқадорон, роҳбарият ва вакилони “Пахтакор” ва ҳаводорони футбол иштирок намуданд.

Шореҳи футбол Мирзоҳаким Тӯхтамирзоев дар бораи фаъолияти ҷамоаи “Пахтакор”-и собиқ, ки футболи ҷумҳуриамонро ба дунё шиносонд, нақл намуд. Айни замон баромади афсонаҳои футбол Бародар Абдураҳимов ва Тӯлаган Исҳоқов, масъулони имрӯзаи ҷамоаи “Пахтакор” Дилшод Каримов ва Дмитрий Адисман, як қатор дӯстдорони “бозии миллионҳо” ба иштирокдорон таассуроти амиқ гузошт.

Ҳаминро хотиррасон карданием, дастаи “Пахтакор”, ки соли 1956 арзи ҳастӣ кард, аз ибтидои солҳои шастум дар чемпионати иттиҳод иштирок карда, шарафи футболи ҷумҳуриамонро баланд бардошт. Дар нимаи дувуми солҳои ҳафтодум бо бозиҳои хуб, хусусан, маҳорати тӯбронии Михаил Ан, Олим Ашуров ва Владимир Фёдоров дили миллионҳоро тасхир намуд. Афсӯс, 11 августи соли 1979 футболи мо ба талафоти гарон дучор омад – дар осмони Днепродзержински Украина ду ҳавопаймо ба ҳам бархӯрда, риштаи умри 178 нафар нобаҳангом бурида шуд, ки дар байни ҳалокшудагон 17 нафар “пахтакорчиён” низ буданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# ЧОР САМТИ УСТУВОРИ РУШДИ СОҲАИ МЕТАЛЛУРГИЯ МУАЙЯН ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар айни ҳол кор оиди кашидани роҳи оҳан ва автомобилгард ба маҷмӯъ анҷом ёфта, конструксияҳои оҳану бетонӣ насб карда мешаванд. Таҷҳизоти заруриро ширкати итолиёии «Danieli» насб мекунад. Маҷмӯи мазкур соли 2024 ба истифода дода мешавад.

Сарвари давлат зарурати тезондани татбиқи лоиҳа ва таъмин намудани дастрасии кафолатнок ба ашёи хомро зикр намуд.

– Як вақтҳо барои комбинат кифоя буд, ки 800-900 ҳазор тонна маъдани дуюми сиёҳ истеҳсол намояд. Аммо имрӯз иқтисодиёти мо ба 4 миллион тонна маъдани сиёҳ ниёз дорад, ки 50 фоизи ин ҳаҷм аз ҳисоби воридот таъмин карда мешавад. Маҳз барои ҳамин корхонаро ҳарчи зудтар ба кор дарорем, иқтисодиёти мо ҳамон қадар фоидаи калон ба даст меорад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сарвари давлат бо роҳбарони ширкатҳои «Renaissance Heavy Industries» (Туркия) ва «Danieli» (Италия), ки дар лоиҳа иштирок доранд, суҳбат кард.

Сипас дар комбинати маъдани кӯҳии Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои рушди металлургия ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.

Комбинати мазкур солҳои дароз корхонаи ягонаи маъдани сиёҳ дар кишварамон ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи ислоҳоти солҳои охир 200 корхонаи нав созмон дода шуданд. Дар онҳо беш аз 25 ҳазор нафар меҳнат мекунанд. Танҳо соли гузашта дар соҳа 16 триллион сӯмина маҳсулот истеҳсол карда шуд. Истеҳсоли чӯян ва маснуоти оҳан 1,8 баробар афзуда, аз 2 миллион тонна гузашт.

Дар баробари ин миқёси корҳои созандагӣ ва индустриякунонӣ меафзояд. Имрӯз дар тамоми соҳаҳо 4 миллион тонна маъдани сиёҳ дар як сол истифода мешавад. Аз ҷумла, дар арзиши аслии сохтмони манзил ҳиссаи хароҷот ба маснуоти металлӣ 15 фоиз, дар мошинсозӣ 40 фоизро ташкил медиҳад.

Бинобар ҳисобу китоб то соли 2026 талаботи иқтисодиёти кишварамон ба маъдан тақрибан ба 6 миллион тонна мерасад. Ба ғайр аз ин, вазъи душвори иқтисоди ҷаҳонӣ, шикастани занҷирҳои логистикӣ барои фаъолияти корхонаҳои бузурги металлургӣ мушкилот эҷод мекунанд.

Сарвари давлатамон қайд намуд, ки ба ин мақсад танҳо тавассути рушди босуръати истеҳсолоти металлургии худӣ ноил шудан мумкин аст. Ба ин муносибат чор вазифаи асосӣ муайян карда шудааст.

Якум – кафолатнок бо ашёи хом таъмин намудани корхонаҳои металлургӣ. Дуюм – ҳавасмандгардонии созмон додани корхонаҳои маҳсулоти металлургӣ дар тамоми минтақаҳо. Сеюм – истеҳсоли конструксияҳои маъдани замонавӣ барои истеҳсолот, ки арзиши иловагиро ба вуҷуд меоварад. Чорум – тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, рушди илм ва инноватсия.

Мушовири сарвазир Б.Исломов қайд кард, ки захираи маъдани оҳан дар кишвари мо 1 миллиарду 200 миллион тоннаро ташкил медиҳад.

Вай дар бораи корҳое, ки дар конҳои нав, аз он ҷумла кони Тебинбулоқи ноҳияи Қораӯзак ба ҷо оварда шудаанд, ҳисобот дод.

Зарурати рушди корхонаҳои соҳа ва ташкили кластерҳо дар пойгоҳи саноатии онҳо қайд гардид.

Президент бо роҳбарони чунин корхонаҳо дар минтақаҳо суҳбат кард. Ба шахсони масъул дастур дод, ки пешниҳодҳои онҳоро дар мавриди озод кардани ашёи хоми маъдан ва таҷҳизот овардашаванда, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол намешаванд, аз боҷи гумрукӣ, сода гардондани додани раводиди корӣ ба мутахассисони соҳибихтисоси хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Бинобар самти сеюм вазифаи дар соли оянда маҳаллигардонии маҳсулот ба маблағи 500 миллион доллар гузошта шуд. Шахсони масъул гузориш доданд, ки барои ин 204 пешниҳоди лоиҳавӣ таҳия шудааст. Муайян карда шуд, ки барои дастгирӣ намудани ин самт аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ хариди маҳсулоти кафолатноки нави маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо мақсади рушди таълим ва илм дар соҳа сарвари давлат пешниҳод намуд, ки дар назди «Ӯзмедкомбинат» Маркази илмии металлургӣ, дар Донишгоҳи илмҳои геологӣ лабораторияи илмии маъданҳои сиёҳ созмон дода, дар донишгоҳҳои давлатии кӯҳию технологии Навоӣ ва техникии Тошканд паркҳои технологӣ кушода шаванд.

Ҳамчунин зарурати такмили ихтисоси мутахассисони ҷавон дар ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ ва марказҳои инҷинирингӣ таъкид гардид.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ ҳокимони вилоятҳо, ҷамоаҳои комбинатҳои маъдани кӯҳӣ, соҳибкорон ва шарикони хориҷӣ иштирок карданд.

Шавкат Мирзиёев дар рафти сафар ба Бекобод бо фаъолияти академияи футболи «El Golazo»-и назди клуби футболи «Металлург» низ шинос шуд.

Мактаб, ки бо дастгирии фонди клуби маъруфи испании «Реал Мадрид» ташкил шуда буд, моҳи октябри соли гузашта ба кор шурӯъ кард. Стадионҳо бо фарши сабзаи табиӣ ва сунъӣ, толори фитнес, корпусҳои таълимӣ ва хобгоҳ шароити замонавӣ доранд. Машқҳо мувофиқи анъанаҳои клуби футболи «Реал Мадрид» сурат мегиранд. Ба ҳайати мураббиён се мутахассиси испанӣ шомиланд.

Ҳоло дар академия зиёда аз 200 нафар бачаҳо сабақ мегиранд. Ҷавононе, ки дар ин ҷо таҳсил кардан мехоҳанд, зиёданд. Аз ин рӯ, ба ин ҷо бачаҳои аз 11 то 17-сола дар асоси озмун қабул карда мешаванд. Ба қарибӣ 48 нафар тарбиягирандагон дар Испания аз дарси маҳорат гузаштанд.

Сарвари давлат шароити дар академия фароҳам овардашударо аз назар гузаронда, бо бачаҳо суҳбат кард.

– Чашмони дурахшони шуморо дида, ки дар чунин шароити замонавӣ таҳсил мекунанд, шод шудам, – гуфт Президент. – Бовар дорам, ки дар оянда аз байни шумо бозингарони номдор, чемпионҳо мебароянд. Аз ҳама муҳимаш, шумо солим ба воя мерасед. Фарзандонатонро ба варзиш ҷалб менамоед. Дар байни ҷавонон чунин саъю кӯшишро ба вуҷуд овардан мақсади мост.

Сарвари давлат ба шахсони масъул дастур дод, ки таҷрибаи ин мактаби футболро оммавӣ гардонанд.

Инчунин бо намояндагони насли калонсол, роҳбарони секторҳо, раисони маҳаллаҳо, муовинони ҳоким, пешвоёни ҷавонон ва бонувони фаъоли Бекобод суҳбати самимӣ сурат гирифт. Бинобар масъалаҳои ҷорӣ кардани низоми нави «маҳаллабайъ», рушди соҳибкорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, коҳиш додани камбизоатӣ, ҳал намудани мушкилоти шаҳрвандон мубодилаи афкор ба амал омад.

Бо ҳамин сафари Президент ба шаҳри Бекобод анҷом ёфт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ӮзА.**

# ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – МАЙДОНИ ВАСЕИ МУСОБИҚАҲО

***Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилояти Тошканд нахустин Фестивали байналмилалии таомҳои миллиро таҳти унвони “Хуш омадед, ба Бӯстонлиқ!” баргузор намуд. Ин фестивал дар фароғатгоҳи дараи Амирсой сурат гирифт, ки дар солҳои охир ному шӯҳрати он ба чаҳор тараф паҳн шудааст ва табиати хубу гуворояш таваҷҷӯҳи сайёҳони зиёди дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.***

Мизбонон меҳмонони фестивалро бо карнаю сурнай ва дафу доира бо шукӯҳи хос истиқбол гирифтанд. Интизор мерафт, ки ҳар як меҳмон баъди он, ки мазаи таомро чашида бинад, дар ниҳоят фикру назари худро ба аъзои ҳакам иброз хоҳад намуд.

Дар дегҳои хурду бузург намуди гуногуни таомҳои миллӣ пухтаву ба иштирокчиёни фестивал тақдим мегардид. Яке аз дигаре хушрангу бомаза менамуд.

– Ба ҷашнвора баробари вакилони ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят ва шаҳри Тошканд, меҳмонон аз ҷумҳуриҳои ҳамсояи Қирғизистон ва Қазоқистон, инчунин Русияву Белорус ва давлатҳои дигари муштаракулманофеъ ба ин ҷо даъват шуданд. Теъдоди умумии меҳмонон ҳудуди ҳазор нафар ва теъдоди умумии иштирокчиёни он аз шаш ҳазор нафар бештарро ташкил мекунад,– гуфт ноиби ҳокими вилояти Тошканд Ҷамшед Бобоҷонов, – Бархе аз ошпазҳое, ки ба ҳайси вакил аз номи ҳокимияти шаҳру ноҳияҳои худ ширкат доранд, аз зумраи ошпазҳои номии тарабхонаву қаҳвахонаҳои шаҳру ноҳияҳо мебошанд. Онҳо борҳо дар озмунҳои қаблии да ба ошпазҳои ҷавон ва хоҳишмандон дарси маҳорату малака гузаштанд.

– Ҳарчанд қариб панҷ соли умрам дар ошхонаи таомҳои миллии маркази маъмурии вилоят сипарӣ шудааст, аз ин дарси маҳорату малака хеле баҳраманд шудам. Маълум шуд, ки ин ошпазҳо зимни тайёр кардани ягон таоми миллӣ аз хӯришҳо ё худ ингридиентҳо истифода намекунанд. Истифодаи маҳсулоти табиӣ, ки дар кишвари мо намудҳои зиёди он мавҷуд аст, ҳар гуна таомро хушлаззату хушбӯй мекунад, – гуфт иштирокчии ҷавони фестивал Шерзод Муҳаммадиев.




Якчанд маркази миллӣ-фарҳангӣ суфраҳои идонаи худро ороставу намунаи либосҳои гуногуни миллиашонро барои иштирокчиён намоиш медоданд. Чунин ба назар мерасид, ки вакилони миллати қазоқ дар ин кор бештар муваффақанд. Онҳо бо бунёди хаймаи бошукӯҳ ва пешкаш намудани таомҳои миллӣ, инчунин либосҳои хушрангу хушнамуд, рақсу таронаҳои ҷаззобу дилнишин таваҷҷуҳи меҳмононро зиёдро ба худ ҷалб менамуданд.

– Дар гурӯҳи мо аксариятро ҷавонон ташкил медиҳанд. Барои ширкат дар фестивал ҳанӯз ду моҳ қабл моро огоҳ карда буданд ва ба он хеле хуб омодагӣ гирифтем. Ҳоло дастаи фолклорӣ-этнографии мо барномаи хосеро таҳия намудааст, ки баъди мукофотонидани ғолибони озмун онро пешкаши меҳмонон хоҳем кард,– мегӯяд раҳбари дастаи қазоқӣ Ҷарқиной Ӯрмонова.

Пеширӯи саҳнаи намоиши барномаҳои консертӣ ҳамеша аз одам пур буд. Дастаҳои гуногуни ҳунарӣ сурудҳои шӯху дилписандро ба онҳо тақдим мекарданд ва рақсу бозӣ ба ҳам омехта, манзараи хубу гуворори эҷод менамуд.

гастрономӣ малакаву маҳораташонро намоиш додаанд.

Дар ҳар ҷои майдони васеъ мизу курсиҳоро дар шакли давра гузошта буданд. Ҳар як шаҳру ноҳия рӯи мизи худро бо санбӯсаву гӯштҳои яхнӣ, анвоъи ширинӣ, меваи тару тоза ва шарбати гуногун ороста буд.

Дар чаҳорчӯби фестивал чанд нафар ошпази варзида ба ошпазҳои ҷавон ва хоҳишмандон дарси маҳорату малака гузаштанд.

Вақте ки навбат ба натиҷагирии озмуни маҳорати ошпазҳо ва сарфароз гардонидани онҳо расид, ҳама ба атрофи ин саҳна ҷамъ шуданд. Вакилони Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ ва ҳокимияти вилояти Тошканд эълон карданд, ки гурӯҳи ҳакамон маҳорати ошпазҳоро муайян намуданд ва дар ин кор саҳми меҳмонони фестивал низ хеле калон мебошад.

Баъд аз рӯи номинатсияҳои гуногун тақдимоти мукофотҳо баргузор гардид. Намояндаи ҳар як ҳокимият рӯи саҳна баромада, зери кафкӯбиҳо соҳиби мукофот мешуд. Бо қарори ҳакамон ҳокимияти ноҳияи Бӯстонлиқ – мизбони асосӣ мукофоти асосии озмунро аз рӯи номинатсияи “Таоми беҳтарин” ба даст даровард. Инчунин, вакилони чанд ҳокимияти дигар аз рӯи як қатор номинатсияҳо ба гирифтани мукофотҳои рағбатноксозӣ сарфароз гардиданд.

Ходимони вазоратҳои дифоъ, корҳои дохилӣ ва тандурустӣ дар ташкили фестивал, таъмини фазои амну субот ва бидуни ягон ҳодисаи ғайритабиӣ гузаштани он аз наздик саҳми худро гузоштанд.

Дарвоқеъ, ғайр аз он ки ровидухтаре як маротиба ба забони тоҷикӣ доир ба баргузории ин фестивал чанд сухан радду бадал намуд ва дар қатори суруду таронаҳои дигар чанд суруди тоҷикӣ тақдим гардид, дар фестивал суфраи таомҳои хоси тоҷикӣ, намоиши либосҳои миллӣ ва маҳсули дасти ҳунармандони тоҷик ба назар нанамуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ТОШКАНД.*
***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

# ПУНКТҲОИ ТИББИИ МАҲАЛЛАҲОИ ДУРДАСТ

***Маълум аст, ки 18 марти соли равон таҳти унвони «Ислоҳоти тиббӣ баҳри гиромидошти инсон» мулоқоти Президент бо кормандони соҳаи тиб ба амал омада буд.***

Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои пешистода 25 апрели соли ҷорӣ қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба наздик кардани ёрии аввалини тиббӣ-санитарӣ ба аҳолӣ ва зиёд кардани самаранокии хидматҳои тиббӣ» қабул гардид. Беҳтар намудани самти ёрии аввалини тиббию санитарӣ ба аҳолӣ, дастгирӣ намудани кормандони соҳа ва афзун гардондани самаранокии кори онҳо мақсади асосии ин қарор буда, дар давоми сол дар пунктҳои дурдасти аҳолинишин ташкил намудани бунгоҳҳои тиббӣ дар назар дошта шудааст.

Аз 1 майи соли ҷорӣ дар пунктҳои тиббии маҳалла мувофиқи тартиби тасдиқнамудаи Вазорати ҳифзи тандурустӣ аҳолӣ аз назорати тиббӣ гузаронида шуда, барномаҳои скринингӣ ва хидмати патронажӣ барин тадбирҳо ба роҳ монда мешавад. Бинобар қарори номбурда ба духтурони бунгоҳҳо ва поликлиникаҳои тиббии оилавии ҳудудҳои дур ба ғайр аз маош ҳар моҳ ба андозаи 2 миллионсӯмӣ музди иловагӣ дода мешавад. Инчунин, ба онҳо дар асоси ипотека барои хариди манзил имтиёз дода шудааст. Ҳамин тариқ, мӯҳлати амалкунии беморхонаҳои рӯзонаи бунгоҳу поликлиникаҳои оилавию марказӣ низ аз соати 8:00 пагоҳӣ то 20:00 бегоҳӣ дароз карда шуд. Ба ғайр аз ин дар асоси рейтинг — маҳдудшавии як тоифа маризиҳо дар ҳудуд дар натиҷаи корҳои профилактикӣ шифокорон ҳавасманд гардонда мешаванд. Ба ғайр аз шаҳрҳои Бухорою Когон дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят чораю тадбирҳои созмон додани 120 пункти тиббии маҳаллаҳо бо намудҳои контейнерҳои махсус ва мувофиқгардондашуда сурат мегиранд. Ин ҷараён, аллакай дар 60 нуқтаи аҳолинишин татбиқ мегардад. Сокинони маҳаллаи «Самосӣ»-и ноҳияи Рометан, деҳаҳои Боғи Мусо ва Малишояки ноҳияи Пешкӯ, Чуқураки Поёни ноҳияи Шофиркон, ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ниёзхӯҷа»-и ноҳияи Вобканд, хуллас ҳазорҳо ҳамдиёронамон, ки дар гӯшаҳои дурдаст умр ба сар мебаранд, ба имкониятҳои қулайи муолиҷагирӣ ва як андоза имтиёзҳо соҳиб шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Ҳафтаи дӯстии халқҳо*

***Дар ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона як ҳафтаи тамом иди дӯстӣ баргузор шуд. Он тарғибу ташвиқ ва ташкилу роҳандозии маросимҳои идона, шодиву хурсандии байни халқҳои минтақа унвон гирифт.***



# ИДИ ДӮСТӢ – МОЯИ АМНУ СУБОТ ВА БАРАКОТ

Дарвоқеъ, ноҳияи Бешариқ бо ду ноҳияи вилояти Суғди Тоҷикистон марзҳои муштарак дорад. Барои ҳамин ба ин чорабиниҳо роҳбарони дастгоҳҳои ҳукумати ду ноҳияи вилояти Суғд – Исфара ва Конибодом бо як гурӯҳ сокинони он ширкат намуданд.

Рӯзи дувуми иди дӯстӣ фиристодагони Қазоқистон ва Қирғизистон, инчунин Қароқалпоқистон омаданд ва ба иди дӯстӣ шукӯҳи тоза бахшиданд. Иштирокчиёни ин чорабинии доманфарох дар варзишгоҳи марказии ноҳия гирдиҳам омаданд.

– Мо аз ҳузури бародарони тоҷик, қазоқ, қирғиз ва қароқалпоқи худ дар ин чорабинӣ хеле хушҳол шудем. Зеро иди дӯстӣ моя ва сарчашмаи амну субот ва баракоти кор мебошад. Дар ноҳияи мо як қисми аҳолиро мардуми тоҷиктабор ташкил мекунад. Дар айни ҳол сокинони чанд минтақаи марзии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон анъанаҳои хешутаборӣ ва қудову андагиро бо як маром ва ихлос идома медиҳанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Расулҷон Ҷӯраев. – Вакилони ҳокимият ҳамасола талош мекунанд, ки рӯзномаи "Овози тоҷик" ба хонаводаҳо дастрас шавад, зеро ҳифзи забону фарҳанг аз рукнҳои асосии сиёсати имрӯзаи Президенти моро ташкил медиҳад.

– Пӯшида нест, ки ташкили бозори умумии байни ду кишвар барои рушди тиҷорати миёни шаҳрвандони Ӯзбекистону Тоҷикистон хеле мусоидат хоҳад кард. Он дар наздикии посгоҳи марзии "Андархон", воқеъ дар қаламрави ноҳияи мо ба ҳайси минтақаи озоди тиҷоратӣ бунёд гардид, – изҳор намуд Р. Ҷӯраев.

Дар чорабиниҳо сурудҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва қароқалпоқӣ садо дод ва ба меҳмонон рӯҳияи тозаву табъи болида ато намуд.

Ногуфта намонад, ки бо Фармони Президент як гурӯҳ ҳокимони ноҳияҳо бо нишони "Содиқ хизматлари учун" сарфароз гардиданд. Дар байни онҳо Расулҷон Ҷӯраев низ ба ин мукофот ноил гардид.

Дар чаҳорчӯби Ҳафтаи дӯстӣ бо ибтикори мактаби бокси Рапқони ноҳия 5-10 август дар байни наврасони соли таваллудашон 2007-2008 мусобиқаи байналмилалии анъанавии «RAPO'ON OPEN-2022» роҳандозӣ гардид. Дар ин мусобиқаҳо ҳудуди 300 нафар вакилони Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон, инчунин варзишгарони Қароқалпоқистон барои ба даст овардани се ҷойи аввал талош намуданд. Ин мусобиқаҳо аз аввал то охир хеле тезутунд сурат гирифт.

Ҷойҳои ифтихорӣ насиби наврасони ӯзбекистонӣ, тоҷикистонӣ ва қазоқистонӣ шуд.

**Отабек АЛИМАТОВ,**
*вилояти ФАРҒОНА.*

# «КИСТАМ МАН ТО КУНАМ ВАСФИ АМИРИ ҲУСНИ Ӯ...»

***(Андешаҳо дар ҳавошии девони тозаёфти "Амирӣ")***

...Ниҳоят кӯтоҳу зудгузар будани умри инсон, баробар ба хок рафтани шоҳу гадо ба ҳама маълум. Дар ин бора ва дар бораи накӯкорӣ дар зиндагӣ бузургони адабиёт ва машоихи ислом панду ҳикматҳои пурарзиш ба мерос гузоштаанд, то қадршиноси ҳар як соату рӯзи умри худ бошем. "Нагузоштани кори имрӯз ба фардо" низ ба ҳамин маънист.

Мааттаассуф, чархи каҷрафтор кори худ мекунад. Аз ин ваҷҳ, дастрасиамон ба каъбаи мақсуд на ҳамеша осон аст. Форомӯш кардаем, ки гуфтаанд: Дар зиндагӣ қадри якдигар бидонед, Баъди мурдан хоҳ донед, хох надонед...

...Инак, гӯё фақат чашм кушода пӯшидаам, ки дар ҳаштумин даҳсолаи умр такопӯ дорам. Чун беди лаби ҷар ба ёди ёру диёр то рӯз гӯш ба туғёни дил меандозам, ки менолад:

*Тухми эшонҳо ба ҳар ҷо пош дод,*
*Хоки ман дур аз Ватан дар*
*Ҷош дод.*

Аз рӯйи нақли модар ҳамон рӯзе, ки пули шӯравӣ нав шуда буд (1947), дар синни се ё чаҳорсолагӣ бе қиблагоҳ мондаам. Навори хотирот осмони наврасиро пурабру субҳи ҷавониамро "субҳи козиб" мегардонад.

...Солҳои баъди инқилоб хӯрданӣ – кам, ибодат – нороаво, хондану нигаҳдории "китобҳои кӯҳна" – гуноҳ – муҷиби сахттарин ҷазо буд. Назар ба нақли модари ғамдида, падарам аз тарси ҷон бисёр китобҳои худро дар қабристон «дафн» карда, баъзе аз онҳоро дар тобдони хонаву зери охур ва оғилхона пинҳон карда будаанд.

Солҳои гузаштаро ба ёд оварда хулоса мебарорам, ки сиёсат ба ҳама чиз қодир будааст, ҳатто метавонад касро манқурт бисозад.

...Лаҳзае, ки дипломи худро ба модари худораҳматиам нишон дода, аз дасташ як рӯмолбанд китоби қадимаро чун "мероси падар" тuҳфа гирифта будам, гӯё дирӯзакак буд, ки ба сабаби сафари навбатӣ ба хориҷа мутолиаи ин китобҳоро мавқуф гузошта будам.

Имрӯз ба ёд меоварам, ки аз идораи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ("Овози тоҷик") чанд бор ба кори тарҷумонӣ ба Афғонистон рафтаам. Дар ин миён ду ҷигарбандам, ки яке модари мушфиқу дигар ҳамсари меҳрубонам буд, аз олам гузаштанд, хонае, ки ба хоҳари дилбанду бародарам гузашт, холӣ монд.

Ҳамин сол хушхабари дар ҷашни Ваҳдати миллии Тоҷикистон аз ходимони сафорат шунидаам, ки бо мошин аз сарҳад гузаштан бепул, муддати иқомати бе виза ба ҷойи се рӯз, даҳ рӯз шудааст, маро водор кард то ба зодгоҳ сафар намоям.

Дар хона шоирадухтарам Нодира, дастабанди китобҳоеро, ки модарам чун мероси падар ба ман туҳфа карда буд, наздам гузошт. Онҳоро бори охир соли 1985 ба даст гирифта, дар сандуқ ҷой карда будам, то баъди бозгашт аз Афғонистон мутолиа кунам.

Дар байни "хазинаи меросӣ" чанд рисолаи арабию туркӣ, дастнависҳои қадима, "Девони Ғании Кашмирӣ", "Девони Амирӣ", баёзи нодире ҳам будааст, ки дар он намунаи ашъори Бедилу Туғрал ва чанде аз шоирони то ба ҳол дар адабиёти тоҷик номбарнашуда ҷой гирифтааст.

Аз байни ин ҳама "Девони Амирӣ" (Тошканд, соли 1305 ҳиҷрӣ – 1898 м.262 сафҳа) диққатамро ҷалб кард. Китоб мураттаб ва мураккаб аз ашъори ӯзбекию тоҷикии шоир будааст. Ҳамзамон ба ин, вожаю ибора ва луғатҳои тоҷикӣ дар матнҳои ӯзбекии шоир (минҷумла дар 7 сафҳаи сарсухан) бамаврид корбаст шудааст, ки аз камоли садоқат ба забону адабиёти тоҷик шаҳодат медиҳад.

Шубҳае нест, ки "Девон" баъди вафоти шоир китобат шудааст. Зеро, марсияе дар охири девон омадааст, ки "Таърихи Мулло Гулшан" ном дорад. Баъди ин марсия ду "таърих"-и муаллифаш номаълум, сипас, марсия ва "моддаи таърих"-и шуарои дарбор – Султонхон Тӯра, Хотиф, Хиҷлат, Ҳозиқ, Завқӣ, Фазлӣ ба чашм мерасад.

Муаллифони мазкур, зимни бо усули "абҷад" ба қолаби назм даровардани соли вафоти Амирӣ, баъзе накӯкориҳои ӯро ёдоварӣ кардаанд, ки эъмори мадраса, созондани пул, кандани наҳру ҷӯйбор будааст. Ҳамзамон, нисбати майли Амирӣ ба шаъну шуҳрат, рағбаташ ба шаҳват, қобилияташ ба ҷанг, вазъи дарбор, тахталошии ворисон, ишораю киноя намудаанд.

Дар "Таърихи Мулло Гулшан" сӯгворӣ ва фиғону афсӯс бо ибораҳои "шаҳи ғарибпарвар", "накӯзамир", "маҷмаъулфазоил" ифода ёфта, "айшу нишот"-и Амирӣ дур аз назар намондааст. "Мудом азми ғазавоту ҷиҳод дар дил дошт"-ани ӯ ҷанги Ӯротеппаро ба ёд меорад, ки ҳақиқати таърихист.

Шоир Амирӣ анъанаи Алишер Навоиро муваффақона давоми нек бахшида, дар ашъори ҷӣ туркӣ ва ҷӣ форсиаш, ибораҳои рехтаи тоҷикиро бамаврид ва моҳирона ҷойгузин сохтааст. Дар матни як ғазали ӯзбекии шоир мисли марворид корбаст шудани "шаби ялдо", "кӯҳу ҳомун", "гули садбарг", "субҳи имкон", "афтодани хок", "лолаи ҳумро", "гули рухсор" далели ин даъвост.

Ғазалҳои ӯзбекию тоҷикии шоир, мутобиқи ҳарфи охири радиф (сарaввал тавассути "алиф", баъди вай бо ҳарфи "бэ" хатмшуда) мураттаб шудааст. Чунин тарзи китобат (яъне тоҷикию ӯзбекӣ) як намунаи "ширу шакар"-и анъанавист, ки дар адабиёти тоинқилобиамон равобити адабиро сайқал дода, ба сифати тафсиргари ифодаҳои форсӣ (ва арабӣ) адабиёти ӯзбекиро ривоҷу равнақ мебахшид. "Девони Амирӣ" ҳам молик ба чунин сифатҳост.

Мааттаассуф, дар замони шӯроҳо адабиёти мумтоз камэътибор, "ширу шакар" қариб, ки гум шуд. Билнатиҷа, баъзе вожаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ душворфаҳм шуда монд. Чунин навоқис дар гуфтор ва забони тарҷума ҳам раҳ ёфт. Масалан, калимаи "ташриф" дар матнҳои форсию туркӣ ҳамеша хоси бузургворон истифода мешуд. Ҳоло бошад, ин вожаи табаррук то ҳадде беқадр шудааст, ки ҷинояткори зиндонӣ ҳам "ташриф" ба ҷо мевараду хабарнигор ҳам ба ҳузури вазир ё сафир "ташриф" мефармояд.

Инкор ба ҷое расидааст, ки мураттиби китоб метавонад ба тарҷумони асари тоҷикӣ хилъати муаллифӣ бипӯшонад ва ибораи маъмули "Чаҳор ёри Мустафо"-ро дар шакли "тӯртёр муставфий" тарҷума намояд ва касеро ба ин кор коре нест.

Ба мақсади равшанӣ бахшидан ба таърих мебояд илова кард, ки доираи адабии Қӯқанд баъди лашкаркашии Умархон ба Ӯротеппа (1816) вусъат ёфтааст, ки таҳқурсиашро доираи адабии Истаравшан ташкил медиҳад.

Пӯшида нест, ки вақтҳои ахир ба омӯхтани таърихи зуҳуру суқути амирони Бухоро, хонҳои Хеваю Қӯқанд ва ба адабиёти он давр эътибор афзудааст. Аммо баъзе далоил ва шарҳу эзоҳот аз "паси парда", гаҳе шубҳаовар ба табъ мерасанд. Ин ҳолат дар мусоҳабаю "мизи мудаввар"-ҳои телевизионӣ ҳам рух медиҳад. Моҳи июл аз ҳаёти ҳукмдори Қӯқанд Худоёрхон телефилме намоиш ёфт, ки дар ҷараёни гуфтор аз навиштаҳои Дилшоди Барно далел оварда, нисбати шахсияти ӯ, ки муаллифи "Таърихи муҳоҷирон" мебошад, ҳарфе нагуфтанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).** ⇨

***Чанде пеш дар толори Маркази маданияти ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё бахшида ба санаи "30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо" таҳти шиори «Дӯстӣ – боигарии калони мо» ҷашнвораи дӯстӣ баргузор гардид.***

## ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ "ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

Дар фестивал намояндагони марказҳои миллӣ-мадании ноҳия, омӯзгорон ва шогирдони мактабҳои миёна ва як гурӯҳ эҷодкорон ширкат варзиданд.

Дар баробари садо додани суруду таронаҳои дилнишини халқҳои гуногун, намоиши санъату ҳунарҳои миллӣ ва китобҳои бадеӣ ба маъраз гузошта шуд, ки хеле ҷолиб буд.

**О.ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# МУАРРИФИИ АНТОЛОГИЯ

***Дар Маскав муаррифии ҷилди якуми «Антологияи назми ӯзбек» баргузор шуд. Барои чорабинии мазкур яке аз чойхонаҳои мавзеи Замоскворече интихоб гардид, ки дар наздикии сафоратхонаи Ӯзбекистон дар пойтахти Русия ҷойгир буда, дар он шукӯҳи миллӣ эҳсос мегашт.***

Шоир, тарҷумон, мураттиби антология Михаил Спелников дар баромади худ таъкид кард, ки китоби мазкур аз чопи аввалааш фарқ карда, аз он шеърҳои динӣ ва ашъори шоироне, ки қурбони солҳои табъид гардида буданд, ҷой гирифтааст.

Дар антологияи нав услуби тарҷумонии Н. Гребнёв, В. Державин, М. Зенкевич, Н. Заболотский, А. Кочетков, Г. Оболдуев, ки дар ин соҳа мактаби хоси худро доштанд, нигоҳ дошта шудааст.

Директори илмии Донишкадаи таҳқиқотҳои кайҳонии АИР Л. Зелений, омӯзгори забони ӯзбеки ДДАМ Б.Қараева, муовини раиси ҷамъияти дӯстии Русия ва Ӯзбекистон О.Примов оид ба нашри мазкур, бо ҳам робитаи қавӣ доштани адабиёт, фарҳанг, тахрих ва илмҳои дигар гуфта гузаштанд.

Роҳбари лоиҳаи силсилаи антологияи назми халқҳои ИДМ ва Русия Галина Грибовская аз ашъори шоираҳои асрҳои XVIII-XIX шарқ Зебуннисо, Дилшод, Увайсӣ, Нодира порчаҳо қироат карда, доир ба ҳаёту эҷодиёти онҳо маълумот дода гуфт, ки ҳамаи онҳо намояндагони дарбор буданд, аммо ҳамеша ба манфиати мардум хидмат кардаанд.

**П. ОЗОД,**
*ш. МАСКАВ.*

*Китобиёт*




# «ПАЁМЕ АЗ БУХОРО»-И ГУЛЗОДА ЧОП ШУД

Ба қарибӣ мо дар бораи аз чоп баромадани «Куллиёти осор» (ҷилди чорум)-и А. Гулзода хабар дода будем. Хушхабари наве дастрасамон гардид. Бо ибтикори Иброҳими Наққош, Афсар Сармад, Одили Нозир ва Исмоил Зарифӣ нашриёти «Эрграф»-и шаҳри Душанбе китоби нави шоир Асад Гулзодаи Бухороӣ «Паёме аз Бухоро»-ро аз чоп баровард, ки аз 504 саҳифа иборат аст. Ин китоби баландсифат ғазалиёт, мухаммасот, шеърҳо ва 200 шеъри барои бачагон эҷодкардаи Асад Гулзодаи Бухороиро дарбар гирифтааст. Мо ба шоир, ки аллакай аз ин комёбӣ огоҳ ва шод гаштааст, муваффақиятҳои нави эҷодӣ таманно дорем.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Ёдкард*

# ЯКЕ АЗ САРОМАДОНИ ШЕЪРИ НАВИ ФОРСӢ

Мо - фарорӯдиён ё мовароуннаҳриён бо эрониён (ориёиён) муштаракот ва қаробати фарҳангию забонӣ ва адабию динӣ дорем. Як ӯзбекистонӣ дар Эрон ё як эронӣ дар Ӯзбекистон, мисли ин ки дар хонаи худаш бошад, ҳаргиз эҳсоси ғурбат намекунад.

Рӯзгоре мардумони мо ба кишварҳои якдигар равуои бераводид (бевиза) доштанд. Ҳамадонию исфаҳонӣ ва шерозиён ба Самарқанду Бухоро ва Тирмизу Хоразм ё самарқандию бухороӣ ва хоразмиёну тирмизиён ба Шерозу Исфаҳону Табрез ва дигар шаҳру устонҳо чун ба шаҳру устони худ мерафтанд, иқомат ихтиёр мекарданд. Ва аз қазо, вақте миқрози аҷал риштаи умрашон мегусилид, дар қабристонҳои ҳамон шаҳрҳо ба хоби абадӣ мерафтанд. Бигирем, хокҷойи ниёгони бузурги мо — Абуалӣ Синою Камоли Хуҷандӣ воқеъ дар Ҳамадону Табрези Эрон аст.

Дар навбати худ дар қабристони шаҳрҳои бостонии мо бисёр эрониён дафн шудаанд...

Ин равуо ва дар канори ҳам буданҳо имрӯз низ, бино ба раводид, идома дорад.

Пас аз истиқлолиятро ба даст даровардани кишвари мо, дар Тошканд сафоратхонаи Эрон ба фаъолият шурӯъ кард, робитаҳои фарҳангиву иқтисодӣ беш аз пеш густариш ёфтанд. Ҳоло дар Ӯзбекистон бисёр корхонаҳои муштараки ӯзбекистонию эронӣ кору фаъолият доранд...

Номи яке аз чеҳраҳои адабии адабиёти умумифорсӣ, шоир, нависанда ва пажӯҳишгари эронӣ — Ҳушанг Ибтиҳоҷ маъруф бо Соя ба аҳли адаби дунёи форсӣ ошност. Шеърҳояш ба забонҳои дунё, аз ҷумла ӯзбекӣ, тарҷума шудаанд, шоирони форсигӯйи кишвар аз мактаби эҷодии ӯ баҳра мебаранд...

Ҳушанг Ибтиҳоҷ соли 1928 милодӣ дар шаҳристони Рашти Эрон дида ба дунё кушуд ва пас аз таҳсилоти худро дар ин шаҳр ба поён расондан, ҳамроҳи хонаводааш ба Теҳрон омад. Дертар бо тақозои тақдир дар Олмон зиндагӣ ихтиёр намудааст...

Соя аз шоиронест, ки дар қолабҳои суннатии шеъри порсӣ ва ҳам дар сабки нимоӣ ҳадафашро ба курсӣ нишондааст. Бештар ғазал мегуфт, дар гуфтани шеър, хоссатан ғазал, ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст. Дертар истиқлоли андешаро ба даст меоварад, зулоли шеъраш гуворотар мегардад ва «ман»-и ӯ ба «ман»-и ҷамъият табдил меёбад...

Ӯ аз маъдуди шоиронест, ки аз чанд шаҳри Иттиҳоди Шӯравӣ – Ереван, Маскав, Ленинград, Киев, Тошканд, Самарқанд ва Бухоро дидан кардааст.



Аҳли адаб ва алоқамандони каломи бадеъ бо осори ӯ — «Нахустин нағмаҳо», «Сароб», «Сиёҳмашқ», «Шабгир», «Замин», «Чанд барг аз Ялдо», «Сиёҳмашқи 1, 2, 3», «Ойина дар ойина», «Ёдгори сарви хун» ва «Девони ашъор» ошноянд.

Дили шоири бузург чанде қабл аз тапиш монд. Ӯ 94 сол дошт. Хонаи охираташ обод бод.

***

*Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ,*
*Фардо маро чу қисса фаромӯш мекунӣ.*
*Ин дурр ҳамеша дар садафи*
*рӯзгор нест,*
*Мегӯямат, вале ту куҷо гӯш мекунӣ.*
*Дастам намерасад, ки ба оғӯш гирамат,*
*Ай моҳ, бо кӣ даст дар оғӯш мекунӣ?*
*Дар соғари ту чист, ки бо ҷуръаи*
*нахуст,*
*Ҳушёру мастро ҳама мадҳуш мекунӣ.*
*Май ҷӯш мезанад ба дили хум, биё,*
*бубин,*
*Ёде агар зи хуни Сиёвуш мекунӣ.*
*Гар гӯш мекунӣ, сухане хуш бигӯямат,*
*Беҳтар зи гавҳаре, ки ту дар гӯш*
*мекунӣ.*
*Ҷоми ҷаҳон зи хуни дили ошиқон пур аст,*
*Ҳурмат нигоҳ дор, агар нӯш мекунӣ.*
*Соя чу шамъ шуъла дарфикандаӣ*
*ба ҷамъ,*
*З-ин достон, ки бо лаби хомӯш мекунӣ.*

***Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».***

## БО НИШОНИ «ДӮСТИИ ХАЛҚҲО» МУКОФОТОНИДАНД

***Дар шаҳри Ҷиззах ба як гурӯҳ ҳамватанон маросими супоридани нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» баргузор гардид.***

Миёни мукофотгирандагон ҷонишини раиси шуъбаи вилоятии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Қурбон Бозоров низ ҳаст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# АРЗИШИ ФАРҲАНГӢ ЭҲЁ МЕШАВАД

***Раиси ҷамъияти дӯстии парлумони миллии Ҷумҳурии Корея – Ӯзбекистон Пак Кванг бо ҳайати намояндагони худ ба Самарқанд ташриф оварда, аввало бо ёдгориҳои таърихии шаҳри бостонӣ шинос шудаанд. Ба меҳмонон мақбараҳои Шоҳи Зинда, Дониёр пайғамбар, маҷмӯаи осорхонаи Мирзо Улуғбек ва майдони Регистон таассуроти калон гузошт.***

Алалхусус, осорхонаи миллии бостонии Афросиёб ба майдони баҳсу мунозираҳо табдил ёфт.

— Дар деворнигораҳои Афросиёб аксҳои аҷоиб, хоссатан, ба Самарқанд ташриф овардани сафирони Куриё диққату эътибори моро ба худ кашид, – таассуроти хешро баён кард ҷаноби Пак Кванг, – ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки риштаи дӯстии мо таърихи беш аз ҳазорсола дорад.

Сипас, шартномаи ҳамкории Ӯзбекистон ва Куриё ба имзо расид. Дар асоси шартномаи тарафайн барои таъмири ёдгориҳои таърихии Самарқанд қариб 4 миллион доллар сармояи хориҷӣ ворид хоҳад шуд.

Ҳангоми ба имзо расонидани шартнома тарафайн таъкид карданд, ки ёдгориҳои таърихии шаҳри Самарқанд дар олам нуфузи хосаро дорад ва онҳоро барои насли оянда нигоҳ доштан ҳам қарз асту ҳам фарз.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# “КИСТАМ МАН ТО КУНАМ ВАСФИ АМИРИ ҲУСНИ Ӯ...”

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ҳол он, ки Дилшоди Барно аз Истаравшан ба маркази хонигарӣ, бо амри амир Умархон, иҷборан нақли макон кардааст. Ҳамин тавр, зодаи Ӯротеппа будани муаллифи “Мунтахаб-ут-таворих” – Ҳоҷӣ Ҳакимхон тӯра ва таърихи Султонхони Адо (шоир, олим ва арбоби давлатие буд, ки баъди вафоти Умархон дар Самарқанд ва Бухоро ҳам қозикалон шудааст) то ба ҳол дар “зери парда” мондааст. Агар чунин намебуд як муҳаққиқ (академик Азиз Қайюмов) зодгоҳи ӯро Қӯқанд нишон диҳад, олими дигар (академик Б. Валихоҷаев) ӯро самарқандӣ, ҳисобида қабраш “номаълум” намегуфт. Дар ҳоле ки мутобиқ ба маълумоти Комилхон Каттаеву Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ ва маълумоти дар китоби “Қиссаи Вазеҳӣ...” (чопи Душанбе, 2012) зикршудаи камина Султонхон Адои аҳроринасаб дар қабристони файзосои Хоҷаи Аҳрор, дар Самарқанд мадфун аст. Дар омади гап бояд гуфт, ки Амир Умархон ҳам ба ҳамин шаҷара мансуб будааст. (Дар ин бора маълумот дар китоби “Қиссаи Вазеҳӣ...” батафсил омадааст).

Бо дарназардошти ин, ки эҷодиёти Амирӣ (ғазалиёт, мухаммасу тарҷеъбанд, рубоиёт) то ҳадде таҳқиқ шудааст, дар ин мақола, бидуни таҳлил, бо овардани намуна аз шеърҳои тоҷикии Амирӣ ва марсияву моддаҳои таърихи мунташира дар охири “Девони Амирӣ” иктифо мекунем, ки кам таҳқиқ шудааст:

***

*Эй зикри ту зевари суханҳо,*
*Аз номи ту шаҳд дар даҳанҳо.*
*Аз файзи санои ту забонам,*
*Гардида чароғи анҷуманҳо.*
*То субҳи абад зи тоби меҳрат,*
*Афрӯхта шамъ дар лаганҳо.*
*Умрест дил аз хаёли васлат,*
*Дар гӯшаи ғам нишаста танҳо.*
*Халқе ба суроғи хоки кӯят,*
*Афтода ба ғурбат аз ватанҳо.*
*То зулфи каҷат мушкшикан шуд,*
*Афтода дилам дар он шиканҳо.*
*Онҳо, ки зи хеш чашм бастанд,*
*Бурданд ғами худ дар кафанҳо.*
*Бикшой ду зулф то бароям,*
*Аз чоҳи ғамат ба он расанҳо...*
*Ҳаҷри ту балост, нест тоқат,*
*Ушшоқ туро дар ин миҳанҳо.*
*Дар ҳайрати чашми хушнигоҳон,*
*Аз хоки дилам дамад хутанҳо.*
*Дар ишқи ту рафта аз дили ман,*
*Нақди хираду ҳусули фанҳо.*
*Гул карда ҳазор доғ гӯё,*
*Пироҳани дил шуд аз чаканҳо.*
*Беҳтар зи Амиристу шоҳӣ,*
*Аз доғи ғами ту хун шуданҳо.*

(Девони Амирӣ. Саҳ.12)

***

*Ман надорам сабр, он нозофарин дорад ҷафо,*
*То куҷо ъойид шавад, ё раб маро ин муддао.*
*Наргисат аз ноз хуни бегуноҳон рехта,*
*Ғамзаат дил мербояд аз мани бе дасту по.*
*То куҷо фарёду афғонам ба гӯши ӯ расид,*
*Ӯ сипеҳру ман замин, ӯ подшоҳу ман гадо..*
*Баски аз халқи ҷаҳон вазъи мурувват рафтааст,*
*Бар сари ман захми шамшер аст, дасти ошно.*
*Нақши хоки пойи ӯ ҳар ҷо, ки пеш ояд маро,*
*Гирам аз шавқу ба чашми хеш созам тӯтиё.*
*Қомати хамгашта дорам аз ғами сарви қадат,*
*Кош ин афтодаро бардорад аз ҷойи асо.*
*...Муддате шуд орзуи сарви нозат мекашам,*
*Як замоне бигзар аз нозу ба сӯйи мо биё.*
*Интизори мақдамат аз чашми дил дорам Амир,*
*К-ин ду манзар ҳар ду ҷойи туст, эй бадрулриҷо.*

(Ҳамон “Девон”, с.14)

***

*Эй зи фикрат шоҳиди дил ҳамчу гул рангинқабо,*
*Аз кафи поят тароват гуна мегирад ҳаё.*
*Қомати яктои ӯ ҳар ҷо чаманпиро шавад,*
*Сарв аз пастӣ чу маҷнунбед мегардад дуто.*
*Шарми рухсори кадомин шӯх дорад дар назар,*
*Ин гулистонро зи шабнам об мегардад ҳаво.*
*Мекунад дарюзаи нур аз фурӯғи оразат,*
*Меҳр з-ин рӯ бар ъузори моҳ мебахшад сафо.*
*Чашми биниш равшан аз оинаи рухсораат,*
*Дидаи дил мекашад аз хоки поят тӯтиё.*
*Умрҳо шуд дар раҳат чун нақши по афтодаам,*
*Як нигоҳи лутф аз чашми ту дорам муддао.*
*Кишвари меҳру муҳаббатро, Амирӣ, мекашам,*
*То зи сар кардам ба ранги ашк дар роҳи ту по.*

(Ҳамон «Девон» с.22)

***

*Бошад ба ёди лаъли ту ушшоқ дар наво,*
*Парвардаи найистон ба умеди шакар наво.*
*Дил пора-пора гаштаву ҷон дар фиғон ҳанӯз,*
*Парголаҳо надида барояд бахри наво,*
*Дорам ба ёди зулфи баногӯш изтироб.*
*Дар шом нола дорам, вақти саҳар – наво.*
*То чанд аз дилам зи ғамат нола сар кашад,*
*То кай кашам ба ёди қадат аз ҷигар наво.*
*Дар тангнои даҳр иқомат чу мумкин аст,*
*Бошад даруни кӯчае зи раҳгузар наво.*
*Н-омад тазаллум аз дили пурхуни ман ҳанӯз,*
*Ояд бурун зи соғари саршор агар наво.*
*Арбоби дида аз хамӯшӣ гурез нест,*
*Н-ояд бурун зи ҷунбиши тори назар наво.*
*...Дар кӯҳу беша нола кунам маньи ман масоз,*
*Маҷнун кунад ҳамеша ба ҳар дашту дар наво.*
*Бе лаъли ҷонфизои ту натвон хамӯш шуд,*
*Дур аз шакар намедиҳад аз най магар наво.*
*Бошад ба мулки даҳр зи файзи Амириям,*
*Дар Шом базми ишрату дар Бохтар наво.*

(Ҳамон «Девон», с.25)

***

*Ҳусни оламсӯзи ӯ ҳар гаҳ барояд аз ниқоб,*
*Нест ҷуз борони ашкам шабнами он офтоб.*
*Аз ғами рӯйи арақнокаш чу созам гиря сар,*
*Мешавад ҳар қатраи ашкам ба сони дурри ноб...*
*Гирдбод аз қатраи борони рухсораш савол.*
*Дар латофат иқди шабнам рӯйи гул гуфтам ҷавоб.*
*Гуфтамаш: Бар оразаш зулфи парешон аз чӣ рӯст?*
*Гуфт: Пинҳон мешавад ҳар лаҳза дар абр офтоб.*
*Ман намедонам, ки абри осмон зулм аз кӣ дид,*
*Рӯ ба хоки даргаҳат аз гиря шуд дар изтироб.*
*Зулфи пурчини туро сад дил бувад дар ҳар шикан,*
*Ҳар шиканро ҳалқаву ҳар ҳалқаро сад печутоб.*
*Офтоби авҷи истиғност он рухсори маст,*
*Хонабардӯши туам чун соя аз ман рух матоб.*
*Чун нарезам ашки хунин бар рухи зард ошкор,*
*Кард он симинбадан бар рӯйи худ заррин ниқоб.*
*... Дар чунин манзил, ки ёд аз боғи ҷаннат медиҳад,*
*Метавон хӯрдан шароби ноб бо чангу рубоб.*
*Гӯшаи чашми ту бе кайфияти найранг нест,*
*Аз нигоҳат мешавад паймона лабрези шароб.*
*Кистам ман то кунам васфи амири ҳусни ӯ,*
*Зарра бе миқдор бошад дар ҳузури офтоб.*

(Ҳамон “Девон”, с.27)

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон.**




***Мудири шуъбаи Институти шарқшиносии СССР, академики АИ Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих Борис Литвинский (1923–2010) аз муаррихони маъруфи шӯравӣ буд, ки ӯро муҳаррири масъули китоби «Тоҷикон» таъин намудаанд, ки ин шоҳасари нодири академик Бобоҷон Ғафуров баъдан соли 1972 аз нашриёти «Наука»-и Маскав бо 10 ҳазор нусха интишор гардид.***
***Журналисти тоҷикистонӣ Шариф Ҳамдампур бо Б. Литвинский дар бораи Ғафуров ва хислату атвори ӯ сӯҳбат ороста буд, ки баъдан ин мусоҳиба дар китоби ӯ «Чунин гуфт оне, ки буду оне, ки ҳаст» ба табъ расид, ки онро ихтисоран пешкаши хонандагони «Овози тоҷик» менамоем.***

# ЯК ҒАЛАТИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

## (Ба муносибати 50-солагии нашри китоби академик Б.Ғафуров — «Тоҷикон»)

Литвинский Борис Анатолевичро дар хонаи сеҳуҷрагии кӯчаи Старый гайи шаҳри Маскав сари мизи корӣ дарёфтам. Сафедчеҳра, қоматбаланд, нармгуфтор. Дар бораи ӯ аз ҳамкоронаш зиёд шунида будам. Ӯ ҳафтае ду бор шаҳрро миёнбур карда, ба кӯчаи Жданов, 10, Институти шарқшиносии АФ СССР меояд. Ба ин маркази ховаршиносӣ Борис Анатолевич ҳанӯз солҳои шаст бо даъвати Бобоҷон Ғафуров омада буд.

Литвинский соле се моҳ ба Тоҷикистон сафар мекунад, миёни кӯҳнақалъаҳо аз уфқи асрҳо осоре аз тамаддуни мардуми тоҷикро меҷӯяд. “Як умр назди мардуми тоҷик қарздор ҳастам, – мегӯяд Борис Анатолевич ва шарҳ медиҳад, – зеро фарзанди ин миллат Бобоҷон Ғафуров маро бо фарҳанги мардуми Шарқ пайваст”.

Борис Анатолевич пиёлаи чойро сӯям дароз мекунад:

– Чойи кабуди дӯстдоштаи Бобоҷон, «95».

**– Борис Анатолевич, шиносоии нахустини Шумо бо Бобоҷон Ғафуров кай сурат гирифта буд?**

Вай андаке ба андеша меравад ва ба сухан меояд:

– Солҳои чил. Замоне, ки Бобоҷон Ғафуров Котиби КМ ПК Тоҷикистон буд. Дар Тошканд аспирант будам. Дар бораи ӯ устодамон А.А.Семёнов ва профессор Массон бо самимият гап мезаданд. “Ғафуров олим аст”, мегуфтанд онҳо. Ҳамон солҳо китоби “Таърихи мухтасари халқи тоҷик”-и ӯ аз чоп баромад. Дар Душанбе соли 1951 бо ташаббуси Б. Ғафуров АФ Тоҷикистон таъсис ёфт. Семёнов барои роҳбарӣ ба Институти таърих, археология ва этнографияи АФ Тоҷикистон даъват гардид. Ҳангоми суҳбат ӯ ба ман нақл кард, ки дар Душанбе барои аҳли илму адаб шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Аз омадани А. А. Семёнов ба Душанбе (Сталинобод) чанде нагузашта, тавассути телефон бо ман гап зад ва изҳор кард, ки мехоҳад ба ман ҳамсӯҳбат шавад. Суҳбати аввалинам бо Б.Ғафуров чандон тӯл накашид. Вале донистам, ки ӯ на танҳо таърих, балки археологияро низ аниқ мефаҳмад. Ӯро марди дилбохтаи илм, худсӯзу худафрӯз, худгузару худшинос дарёфтам.

Тирамоҳи соли 1959 бо ҳамсарам Елена Абрамовна ба Душанбе кӯч бастем. Муддати аввал ҷойи зист надоштем, чанде дар истироҳатгоҳи Б.Ғафуров зиндагӣ кардем.

Рӯзи дуюми ба Душанбе омадан, ба ман хабар доданд, ки Б.Ғафуров мехоҳад ёдгориҳои таърихиро шахсан худаш бароям нишон диҳад. Б.Ғафуров, А.Семёнов, Елена Абрамовна ва ман нахуст аз Шодмонқалъа дидан кардем. Б.Ғафуров сахт мелангид, маълум буд, ки пояш дардманд аст. То чашмаи домани қалъа омаду дигар тавони қадам задан накард. Ба мо дар кадом бахши қалъа чӣ буданашро муфассал шарҳ дод. Вақте ки ба қалъа боло шудем, донистем, ки Б.Ғафуров на як бору ду бор ин ҷо омадааст.

Аз он солҳо ва баъд Тоҷикистон хонаи дуюми ман шуд. Б.Ғафуров бошад, саробони мо, олимон гардид.

Ҳодисае дар хотирам нақш бастааст. Боре ба ман Бобоҷон Ғафуров телефон кард, ки зуд ба Қумсангир равам, тракторчие кадом як ёдгории таърихиро пайдо кардааст. Замоне, ки ба он ҷо расидам, маълум гашт, ки ҳангоми ҷуфти замин хуме берун задааст. Тракторчӣ онро мекушояд. Хум пур аз тангаҳои тилло буд. Дар рӯйи кӯза муҳр ва аср сабт нагашта буд. Ман ба ҳамсарам Елена Абрамовна, ки бостоншинос буд, навиштаи тангаро хондам. Дар он номи Маҳмуди Ғазнавӣ сабт гашта буд.

Бобоҷон Ғафуров ҳама ҷойи таърихиро шахсан зиёрат карда, хоки онҳоро бо кафи даст нарм-нарм мемолид. Ин рафтори ӯ ба атрофиён бетаъсир намемонд. Ҳама кормандони масъул ба осори бостонии мардуми тоҷик мароқ зоҳир мекардагӣ шуданд.

Он солҳо хурдтарин иқдом дар роҳи илму маданият аз таваҷҷуҳи Бобоҷон Ғафуров бархӯрдор мешуд.

**– Борис Анатолевич, мардуми тоҷик ҳикмате доранд: агар роҳати яксола хоҳӣ, ғалла кишт кун; роҳати даҳсола хоҳӣ, боғ бунёд кун; агар суди мардум хоҳӣ, ӯро илм биёмӯз. Оё ин ҳикмат ҳам нақше дар рӯзгори Бобоҷон Ғафуров дошт?**

– Бахши сеюми масъаларо барҳақ барои ӯ гуфтаанд. Ӯ як чизро хуб дарк карда буд: касе умри абад меёбад, ки такя бар илму адаб кунад. Ӯ роҳбари ҷумҳурӣ, ходими бузурги партиявӣ буд. Лекин тарки фаъолияти илмӣ накард, чаро, ки олим буд. Олим будан одил будан аст. Шояд аз ин хотир маҳбуби мардум шудааст. Ман борҳо шоҳид будам, ки аз ӯ мепурсиданд, оё бароятон мушкил нест, ки ҳамзамон бо корҳои партиявию давлатӣ илмро низ пеш баред? Посухи ӯ яке буд: аввалан, худро бе фаъолияти илмӣ тасаввур карда наметавонам, дуюм, ман фарзанди сарзамине ҳастам, ки замоне маркази тамаддуни дунё буд. Мехоҳам, мо – тоҷикон, бо он на танҳо фахр кунем, балки бори дигар ба оламиён собит созем, ки фарзандони шоистаи ин миллат ҳастем.

**– Солҳои 50-ум авҷи ҳаракати озодихоҳии миллӣ дар Осиё ва Африқо буд. Дар Институти Осиё ва Африқо (ҳоло Институти шарқшиносӣ) шахсе лозим буд, ки ҳам олими баркамол бошаду ҳам рӯҳи замонро хуб дарк кунад. Партия Б. Ғафуровро соли 1956 директори институт таъин кард. Дар ин давра робитаи Шумо бо ӯ чӣ тавр сурат гирифт?**

– То соли 1965 ман дар Душанбе будам. Робитаи мо илмӣ ва дӯстона буд. Бо даъвати Бобоҷон Ғафуров ба Маскав омадам, дар Институти шарқшиносӣ мудири сектор таъин шудам. Он вақт пайваста бо ӯ дар робита будам. Ҳарчанд вусъати назар ба Ғафуров имкон медод ҳама гуна масъаларо худаш ҳал кунад, лекин аз машварати мутахассисон бархӯрдор мешуд. Ёдам ҳаст, боре маро назди худ хонд, атрофи масъалаҳои илмӣ суҳбат орост, дар анҷоми сухан изҳор намуд, ки аз нашриёт дархост расидааст, барои нашри чоруми “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” ризоият диҳам. “Назари Шумо чист?” – пурсид ӯ.

Ман гуфтам, ки ба бознашр зарурат ҳаст. Аз суҳбати он рӯз фаҳмидам, ки Бобоҷон Ғафуров дар пайи навиштани китоби “Тоҷикон” аст.

**– Дар пешгуфтори “Тоҷикон” ӯ махсус ба Шумо изҳори ташаккур мекунад...**

– Бале, ӯ маро муҳаррири масъули “Тоҷикон” таъин карда буд.

**– Миёни муаллиф ва муҳаррири масъули китоб баҳс вуҷуд дошт?**

– Бале. Сари ном ва теъдоди китоб. Зери мафҳуми «тоҷик» ман танҳо этнографияро мефаҳмидам. Ва хостам номи китобро тағйир диҳам. Аммо Б. Ғафуров ба ман исбот кард, ки ин тавр нест ва бо далелҳо маро қонеъ гардонид. Дар масъалаи дуюм ҳақ бар ҷониби ман буд. Ман теъдоди китобро 50 ҳазор нусха муқаррар кардам. Б. Ғафуров исрор мекард, ки аз 10 ҳазор зиёд нашавад. “Зеро, – гуфт ӯ – агар аз ин теъдод зиёд чоп шавад, дар дӯконҳои китобфурӯшӣ зери ғубор мехобад, беҳтар, ки кам чоп шаваду даст ба даст гардад”. Ҳақ будани ману хатои Ғафуров нахустрӯзи ба фурӯш расидани китоб исбот шуд. “Тоҷикон”-ро дар ягон мағоза пайдо кардан имкон надошт. Ҳазорон муштоқони ин китоб ҳам аз мардуми советию ҳам аз хориҷӣ, бо ташриф, занги телефон ва мактубҳои худ Бобоҷон Ғафуровау маро ором намегузоштанд. Онҳо мехостанд “Тоҷикон”-ро дастрас кунанд, аммо ғайриимкон буд.

**– Оё “Тоҷикон” дар хориҷа ҳам ҳаводорон пайдо кард?**

– Оре. Муддате аз нашраш нагузашта, дар бисёр мамлакатҳо тақризу китобиёт чоп шуданд. Муҳаққиқе дар “Америкен христорикэл ревью” дар мақолае таҳти унвони “Академик Б. Ғафуров ва “Тоҷикон” ба китоб чунин баҳо дода буд: «Беназирии академик Б.Ғафуров дар таҳқиқи масъалаҳои илмии марбут ба Осиё на танҳо дар он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст. Ӯ директори Институти шарқшиносии АФ СССР – бузургтарин маркази ховаршиносие низ мебошад, ки он таҳти роҳбариаш дар кӯтоҳтарин муддат муваффақиятҳои гӯшношунидро ноил гашт. Агар зарурати тарҷумаи англисии ягон асари русии оиди мавзӯи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак, он “Тоҷикон” аст”.

Хусусан, Ғафуровро хабарнигорон ором намегузоштанд. Боре як хабарнигори японпас аз суҳбати дурудароз бо Бобоҷон Ғафуров ҳамсӯҳбати ман шуд. Ӯ нақл кард, ки ҳангоми дар коргоҳи Б.Ғафуров буданаш се телефон пайи ҳам занг мезад, равуои кордорон назди ӯ канда набуд. Баъд пурсид, ки Б. Ғафуров аз ҳисоби кадом вақт тавонист шоҳасаре чун “Тоҷикон” нависад?

“Тоҷикон” маҳсули шабҳои бехобист», – ҷавоб додам ман. Воқеан, ӯ хоб, истироҳат, умуман ҳастии худро фидои мардумаш карда буд.

**– Аз ҷумлаи хислатҳои Б.Ғафуров кадоме ба Шумо ва ҳамкасбон писанд буд?**

– Қариб ҳамаи хислатҳояш, алалхусус ғамхорӣ ва дилсӯзиаш. Боре Ғафуров аз ман пурсид, ки дар Осиёи Миёна чанд халқият зиндагӣ мекунад? Ман гуфтам, ки дар шуъбаи этнография Людмила Чуряга ҳаст, ӯ аниқ медонад. Бобоҷон Ғафуров ӯро даъват кард. Ман пай набурдаам, вале аз назари Бобоҷон Ғафуров чашмони сурхгаштаи он зан пинҳон намонд.

– Ба Шумо чӣ шуд? – пурсид аз ӯ.

– Кӯдакам касал. Доруи таъиншударо аз ягон дорухона пайдо карда натавонистам.

Б.Ғафуров дорухатро аз дасти ӯ гирифт ва гуфт: “Кӯшиш мекунам...”

Баъд аз ду соат дору дар рӯйи мизи ӯ буд.

Ба поси хотири Б.Ғафуров Л.Чуряга китобе бо номи “Зеварҳои тоҷикӣ”-ро навишт. Ғафуров аз кумак ба мардуми боистеъдод лаззат мебурд.

**– Аз чӣ нафраташ меомад?**

– Аз худхоҳӣ, кӯрназарӣ, нотавонбинӣ ва аз мардуми бефазилати дастдароз...

*Шоҳмот*

# ТУҲФАИ МУНОСИБ БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ




***Моҳи охирини тобистон ба ихлосмандони шоҳмот хушхабари деринтизорро туҳфа кард. Дар Олимпиадаи 44-уми байналхалқии шоҳмот дастаи кишвари мо дар ҳайати Нодирбек Абдусатторов, Нодирбек Ёқуббоев, Ҷавоҳир Синдоров, Ҷаҳонгир Воҳидов ва Шамсиддин Воҳидов дар 11 вохӯрӣ 19 хол ҷамъ намуда, ғолибиятро ба даст дароварданд. Ҷамоаи Ӯзбекистон дар байни 188 мамлакати иштироккунанда ҷамоаи ягонае буд, ки ҳамаи вохӯриҳоро бомуваффақият ба охир расондааст.***

Ғалабаи таърихии шоҳмотчиён туҳфаи муносиби онҳо ба 31-юмин солгарди Истиқлолияти давлатамон мебошад.

Мувофиқи қарори ҳукумат ба ҳар як ғолиби Олимпиада ба миқдори 600 млн. сӯм пул, автомобили «Equinox» ва медали «Ифтихори Ӯзбекистон», ба мураббиёни онҳо ба миқдори 300 млн. сӯм мукофотпулӣ дода шуд.

Бинобар ин, дар Сарассамблеяи байналхалқии Федератсияи шоҳмот (ФИДЕ) дар шаҳри Ченнайи Ҳиндустон доир ба соли 2026 дар Ӯзбекистон баргузор намудани Олимпиадаи навбатии шоҳмот қарор қабул карда шуд.

Аҳамияти шоҳмот дар камолоти ҷавонон, баланд бардоштани маънавияти онҳо ва дар ташаккулёбии фазилатҳои неки инсонӣ беҳамто аст. Дар мамлакати мо солҳои охир ба ин намуди варзиши ақлӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи қарори Президент аз 5 августи соли 2022 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба оммавӣ гардондан ва рушди шоҳмот» дар мактаби рақами 2-юми ноҳияи Қибрай чемпионати шоҳмот баргузор шуд, ки дар он 40 нафар варзишгарони номии сиину солашон гуногуни вилояти Тошканд иштирок карданд.

– Дастовардҳои беназири шоҳмотбозони ҷавон дар Олимпиадаи Ченнай, ки дар саҳифаҳои таърихи варзиши кишварамон номашонро бо ҳарфҳои тиллоӣ навиштаанд, иштирокдорони чемпионатро рӯҳбаланд кард, – гуфт раиси шуъбаи федератсияи шоҳмоти вилояти Тошканд Рисқиддин Эсонбоев. – Ғайр аз иқтидори баланди ҷавонон, меҳнати пурмашаққат ва малакаву таҷрибаи мураббиён дар ин ҷода аҳамияти калон дорад.

Аз рӯйи ҷамъбаст хонандаи синфи 9-уми мактаби рақами 24-уми ноҳияи Чиноз Барно Боқиева ва хонандаи синфи 10-уми мактаби умумитаълимии рақами 17-уми шаҳри Бекобод Шерзод Самандаров ғолиби чемпионат эълон гардида, ба онҳо туҳфаҳои қиматбаҳо ва ифтихорномаҳо супурда шуд.

Дар муассисаҳои таълими томактабӣ, дар мактабҳои миёна ва маҳалла баргузор намудани чунин чемпионатҳо, албатта, дар оянда самараи худро медиҳад. Тавре ки аз таҷрибаҳо бармеояд, шоҳмот дар рушди тафаккур, қобилияти таҳлил ва мустаҳкам намудани хотираи инсон нақши муҳим мебозад.

**С. МИХАЙЛОВ.**
**Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

*Тобистони хуррами бачаҳо*

***Дар вақти таътили тобистона ба мақсади пурсамар истифода бурдан аз вақти холии бачаҳо дар ноҳияи Чуст корҳои ибратбахш ба амал татбиқ мегарданд. Бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мунтазам шуғл варзидан ва бо ин роҳ мустаҳкам намудани саломатии онҳо ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.***

# ЧОРАБИНӢ ХОТИРМОН ГУЗАШТ

Дар истироҳатгоҳи «Баркамол авлод» 640 нафар бачаҳои аз 7 то 14 солаи шаҳри Намангон, ноҳияҳои Чуст ва Поп истироҳат мекунанд. Сиҳатии онҳо таҳти назорати духтурон ва ҳамшираи тиббӣ буда, рӯзе чаҳор маҳал бо хӯроки гарм таъмин мебошанд.

Барои ташаккули ҷаҳонбинии бачаҳо озмун ва чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ баргузор мешаванд. Чорабиние, ки аз тарафи Маркази милливу мадании тоҷикони вилоят дар доираи лоиҳаи гранти давлатие, ки аз тарафи Бунёди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратии назди Олий Маҷлис эълон гардида, таҳти мавзӯи «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо» баргузор шуд, аз ин ҷумла мебошад.

Дар китобхонаи истироҳатгоҳ суҳбатҳои адабиву бадеӣ таҳти мавзӯи «Нависандаи дӯстдоштаи ман», «Қаҳрамони дӯстдоштаи ман» ва «Завқи шеър» баргузор гардид, ки барои бачаҳо хотирмон буд. Меҳру муҳаббати бачаҳоро нисбат ба шеъру адабиёт дарк намуда, ба андешае омадем, ки бачаҳои имрӯз китоб мехонанд, бештари вақташонро ба мутолиаи китоб мебахшанд. Баҳсу мунозира ва фикру андешаҳое, ки аз тарафи онҳо изҳор гардид, собити андешаҳои мо мебошад. Ба онҳо аз тарафи Маркази милливу мадании тоҷикони вилоят китобҳо туҳфа шуд. Мусобиқаҳои варзишӣ, баромадҳои бадеии сурудхонони ҷавон ва волидони бачаҳо, ки барои дидорбинӣ омада буданд, кайфияти хуш бахшид.

– Чорабинии имрӯза нафақат ба бачаҳо, балки ба ҷамоаи омӯзгорони истироҳатгоҳ низ таассуроти хотирмон гузошт, – гуфт роҳбари фароғатгоҳ Фурқат Ҳакимов. – Аз ифтихорнома ва туҳфаҳо бачаҳо болидахотир гардиданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4722 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.